# ЗИНДАГӢ ОИНАИ АҲВОЛИ МОСТ

Тоҷикон аз рӯзи азал меҳнатқарину меҳмондӯсту шодиофар буданд ва умри худро сарфи касбу кор мекарданд. Ақвоми ориёитабор истиқболу ҷашн гирифтани идҳои миллиро дӯст медоранд. Тоҷикон аз қадим бо меҳмондории худ машҳуранд ва аз ин рӯ, ҷашн гирифтани идҳои миллӣ яке аз расмҳои таърихиву фарҳангии ин халқ ба шумор меравад. Маҳз сифати меҳмондӯстию шодиофарӣ ба дарозумрӣ ва дерпоии миллат мусоидат намуд ва оламиёнро маҷбур сохт, ки пеши фарҳанги куҳанбунёду куҳанбузурги мо сари таъзим фурӯд оранд.

Шодиофарии тоҷиконро баён чунин аст, ки вобаста ба замону макон, обу ҳаво, фаслҳои сол ҷашну маросимҳои гуногун дорем ва ҳар кадомеро базму рамзе хос аст. Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон…аз ҷашнҳое ба шумор мераванд, ки чун оина ботин ва пайкараи мантиқиву фарҳангии миллатро намоиш медиҳанд ва мардум мувофиқи ҳол шодию хурсандӣ мекунанд. Бо мурури замон ҷашнҳо устувор гашта, ба ҳувийят ва иродаи миллат таъсири хос гузоштаанд ва муҷиби бақои фардо арзёбӣ гардидаанд. Имрӯз ҷашну маросимҳои кишвари мо ба мафкураи миллӣ аз нигоҳи ташаккули дӯстию рафоқат, якпорчагӣ ва таҳкими ҳувийяти миллӣ асарбахш буда, мавриди пазириш ва иззату эҳтиром қарор доранд.

1 январ – Оғози Соли Нав, 30 январ- Иди Сада, 23 феврал – Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 март – Рӯзи Модар, 21 – 24 март – Иди байналмилалии Наврӯз, 9 май – Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), аввали моҳи июн - Иди Тиргон, 27 июн – Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 9 сентябр – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 октябр – Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 октябр – Иди Меҳргон, 6 ноябр – Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,16 ноябр- Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 ноябр – Рӯзи Парчами миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иди Рамазон – 1 рӯз – ҳар сол (тибқи тақвим), Иди Курбон – 1 рӯз – ҳар сол (тибқи тақвим). Гузашта аз ин, дар кишвар идҳои касбӣ низ роиҷанд.

Ҷашнҳои миллӣ аслан камхарҷанд ва ба дороии хонавода таъсири манфӣ намегузоранд. Онҳо тибқи қарору қонуни ҳукумат дар шакли умумӣ ва дастаҷамъӣ таҷлил карда мешаванд.

Аз ҷумлаи идҳо иди Рамазон ва иди Қурбон дар миёни мардум эътибор ва маҳбубияти вижае доранд. Мардум пас аз як моҳи рӯзадорӣ иди Рамазонро ҷашн мегиранд.

Одамон ба манзили гузаштагон мераванду рӯҳашонро шод мегардонанд. Пас, якдигарро табрик мекунанд.

Имрӯз бо шарофати истиқлолу оромӣ, ободии кишвар ва фаровонии ризқу рӯзӣ Ватани азизамон шукуфта истодааст ва идҳои мазҳабӣ озоданд, вале дар онҳо нуқтаҳое ҷой доранд, ки касро ба андеша водор мекунанд.

Барои мисол, идгардаки кӯдакон дар назари аввал чизи оддӣ менамояд, вале онҳо баробари дамидани субҳ дару дарвозаҳоро дасткӯбу покӯб мекунад. Дар ин гуна маврид аслан ба онҳо сақиҷҳои арзону зарарнок ва

пӯфакҳои рангаи ғайристандартию шубҳанок тақсим карда мешаванд, ки ба саломатии онҳо зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Ин ҳолат дар ду иди муборак ҳамасола такрор мешавад.

Акнун бубинед, ки мо бо ин меҳрубонии худ ба чӣ ҳолатҳои ногувор рӯ ба рӯ мешавем:

1. Кӯдаконро шод кардем, гуфта, намеандешем, ки қисме аз онҳо аз сақиҷҳо ва қанду қандалоти бесифат бемор (масмум, аллергия, хоришак, дилбеҳузур, дарунрав…) мешаванд. Табобати онҳо боз хароҷот ва ташвиши зиёдатиро ба бор меорад.
2. Кӯдакон ба ҳадя одат мекунанд ва ҳисси тамаъ дар онҳо ташаккул меёбад.
3. Баъзан миёнашон кашокашу занозанӣ сурат мегирад.
4. Гоҳо кӯдакон беназорат монда, гум мешаванд (дар чунин рӯзҳо афроди кӯдакрабо ва ҷинояткор) метавонанд даст ба ҷиноят зананд.
5. Кӯча ва роҳраву даҳлезҳо пур аз партов мешаванд, ки ба муҳити экологӣ зарар мерасонад.
6. Кӯдакон роҳҳои мошингардро гузашта, зери чархи нақлиёт монда, ҷароҳат мебардоранд ё вафот мекунанд.
7. Баъзан наврасони беодоб чун роҳзанҳо онҳоро ғорат мекунанд ва боз ҳолатҳои дигарро низ дидан мумкин аст.

Аз ин рӯ, ҳар падару модар, калонсолони оила вазифадоранд, ки ба хотири беҳбуди ҳол ва пешгирии пайомадҳои ногувор коре кунанд, то рӯзе афсӯс хурда, ангушти надомат нагазанд.

Бунёди ҷомеаи солим пеш аз ҳама ба оилаи солим вабаста аст. Маҳз, ҳамкории се ниҳод; мактаб, ҷомеа ва оила муҳити созгорро барои тарбияи дурусти наврасон фароҳам меоранд ва дар ин замина насли ояндасоз ба воя хоҳад расид. Аҳли ҷомеа моҳияти **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»**-ро бояд дарк намуда, дар самти таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус зоҳир намоянд.

Имрӯз миёни хонаводаҳо як навъ сабқати нонавишта пайдо шудааст, ки тасвиру тафсилаш хеле мураккаб аст. Дастурхони идонаро чунон пурхарҷ мекунанд, ки гӯё супориши махсусеро гирифта бошанд. Ҳама гуна анвои хӯрданиро муҳайё месозанд, ки камаш харҷи 3-4 ҳазор сомониро талаб мекунад. Ин дастурхони пурбор агар тортҳои фабрикаҳои машҳурро надошта бошад, гӯё айб будааст.

Кадбонувон ҳатто кӯшиш менамоянд, ки табақу коса ва лаъливу лаъличаҳои дар идҳои порсола гузоштаашонро низ нав кунанд.

Дастурхони идона се рӯз ғундошта намешавад ва бисёре аз ғизоҳо сифаташонро гум мекунанд. Пайомад аз ин гуна хони пурбор чунин аст, ки

1. Маблағи хонавода бемаврид сарф мешавад.
2. Ғизоҳои бесифатгашта метавонанд сабаби сарзании бемориҳо гарданд.
3. Баъзан дар миёни аҳли оила,– кам кардиву зиёд кардӣ,– гуфта мазаммат кардан ҳам рух медиҳад, ки боиси ҷанҷолҳои оилавӣ мегардад.

4. Миёни ҳамсоязанҳо рақобат сар мезанад.
5. Оилаҳои камбизоат дар пеши ҳамсояҳои доро худро нороҳат эҳсос мекунанд.
6. Бештари маводи хони ороста ҳамчун еми чорво истифода мешаванд.
7. Махсусан ин серхарҷӣ барои ҷавонон, ки зиндагиашон дар пеш аст, боиси парешонӣ ва саргумӣ мегардад.
8. Риоя нагардидани Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушоҳида мешавад.
9. Савдогарону ҳаннотони бозор аз ин истифода бурда, нархҳоро баланд мебардоранд ва маҳсулоти бесифату зарарнокро ҳам мефурӯшанд.
10. Бо сабаби қимматфурӯшӣ миёни харидорону савдогарон ҳангоми муомила баландгӯйӣ ва ҳатто дилсиёҳӣ сурат мегирад, ки боиси занги малол бастани оинаи табъи шаҳрвандон мегардад.

Хулоса,а нъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун омили муҳимми зуҳуроти иҷтимоӣ ва баёнгари фарҳанги миллӣ зарурат ба танзим дошта, мутобиқи талаботи замон бояд инкишоф ёбанд, зеро дар солҳои охир серхарҷии ҷашну маъракаҳо ва анъанаҳои мардумӣ бар сари мардуми Тоҷикистон бори гарон овард. Пешвои миллат мефармояд: **“Мо вазифадорем, ки расму оинҳоро аз хурофоту таассуби барои имрӯзу ояндаи ҷамъият номатлуб тоза созем, онҳоро бо назардошти имкониятҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии худамон танзим намоем”**.

**Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст,**
**Ҳам лоиқи душман асту ҳам лоиқи дӯст.**

**Амонӣ С.,** мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълимии (таҳсилоти 12-сола) ПРМ АТТ.